# САРФАКОРӢ - БА ХОТИРИ МАНБАЪҲОИ НУРДЕҲ



**Бархезу биё ба Роғун, ай ҷону ҷигар,**
**Пайванди вафои одаму об нигар.**
**Вахше, ки сарафрохта буд, роҳ гирифт**
**Аз мақдами Пешво ба маҷрои дигар.**

Имрӯз дар тамоми Тоҷикистон он касе, ки ин миллат ва кишварро дӯст медораду ободию пешрафти онро хоҳон аст, шод аз ба кор даромадани НБО-и Роғун аст. Он касе, аз корномаи Пешвои дилогоҳу ободгару кори қаҳрамононаи ӯ шод буда, баҳри рушди кишвар бо кори содиқонаи худ ҳисса мегузорад, интизори ба кор даромадани агрегатҳои дигари НБО-и Роғун аст.

Баъд аз солҳои дароз лаҳзаҳои беназири таърихӣ рух дод. Роғун бо сарварии Пешвои муаазами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор шурӯъ намуд. Ин шодиву фараҳро ҳудуд нест. Аввалин агрегатҳои НБО-и Роғун ба кор даромаданд, барои нурборон намудани кишвар оғоз бахшиданд. Аз барқи неругоҳи Роғун хонаҳо чароғон мешаванд; корхонаҳои нав ба нав бунёд мегарданд; чароғакҳои кӯчаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо шаби торикро мунавар менамоянд. Аз нури Роғун тамоми кишвар ва ҳатто ҳамсоягон низ истифода хоҳанд кард.

Тоҷикистон, ки кӯҳсор аст, маҳз ба воситаи барқи Роғун ва неругоҳҳои дигаре, ки дар оянда сохта хоҳанд шуд, рушд меёбад. Барқи Роғун буҷаи кишварро боло мебарад. Буҷа, ки боло рафт, рӯзгори моддии мардум хубтар мешавад. Кишвар, ки тараққӣ кард, мардум соҳиби зиндагии хушу гуворои озода хоҳанд шуд. Ана ҳамин тавр барқи Роғун дилу дидаю хиради тоҷиконро низ нурборон месозад. Ҳамаи ин ва боз садҳо масъалаҳои рушди кишвар ва миллат ба ҳамин барқи Роғун ва неругоҳҳои дигариояндаи кишвар вобаста аст.

Имрӯз зиёиёни оқилу одил бо сухан, бо кор, бо қалам аз Роғуну кормандонаш ёд мекунанд. Яке аз тариқи радио, дигаре аз тариқи телевизион, сеюмин аз тариқи ИНТЕРНЕТ, чорумин ба воситаи мақола, панҷумин тавассути шеър Роғуну коргаронашро офарину шодбош мегӯянд. Саркори ин кори бузурги беназири таърихро, ки Пешвои миллат ҳастанд, меситоянд.

Олими шинохтаи тоҷик, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор А.Кӯчарзода ба ваҷд омада дар ситоиши Роғун рубоиҳо сурудааст, ки он зери унвони «Замзамаҳои Роғун» аз ҷониби нашриёти «Адиб» пешкаши хонандагон гардид. Ин рубоиҳои дилпазир дар ситоиши Роғуну паҳлавонони арсаи меҳнат, мардуми дӯстдори ваҳдат, ояндаи дурахшони миллат, ошиқони кору амали пурмуҳаббат, дилдодагони ин мамлакат аст. Китобча ба ду алифбо чоп шудааст. Алифбои тоҷикӣ ва хати ниёгон.

Вай дар силсиларубоиёти ба Роғун бахшидаи худ ғамхории Ҳукуматро ҷиҳати бунёди ин иншооти аср воқеӣ тасвир кардааст». Бале, устод А.Кӯчарзода дар ин рубоиҳо самимона Ватани азиз–Тоҷикистон, неругоҳи нурафшон – Роғун ва мардуми ниёзманди онро бо эҳсоси шоирона чунин ситоши намудааст:

Эй дидаи интизори даврон, Роғун
Ҷон дар бадани ниёзмандон, Роғун.
Борони сахот аз абри раҳмат бошад,
Эй мазраи сабзи Тоҷикистон, Роғун.

Роғун, намакӣ ту дар намакдони Ватан,
Ё кулчаи ширмол дар хони Ватан.
Аз ваҳдату аз шарори бунёдгарӣ,
Сад шукр, шукуфт гули армони Ватан.

А.Кӯчарзода зимни муҳаббати бепоён доштанаш ба мамлакат ва миллат, Роғунро ҳамсоли Бадахшону Вахон дониста, онро чун «мурғи Ҳумо», ки дар афсонаҳо ва осори бадеӣ парандаи бахту саодат, давлату салтанат аст, ҳамбол медонад ва чун «шаҳбачаи истиқолол» меситояд:

Роғун, ба Бадахшону Вахон ҳамсолӣ,
Бо мурғи Ҳумо ту ҳамдаму ҳамболӣ.
Бо умри куҳан завқи ҷавонӣ дорӣ,
Як шаҳбачаи замони истиқлолӣ.

Пас аз солҳои зиёд он рӯзи мунаввар, ки мардуми шарифи Тоҷикистон интизораш буданд, фаро расид. Дар натиҷа Роғун пас аз мубориза ҳо, талошҳо, нофаҳмиҳо бо мадади дӯстони азизу ҳамсоягони қарин ба як маркази нуру маърифат, дӯстию самимият, башрдӯстию одамият табдил ёфт. Дар ин рӯзҳои сарди зимистон мо бояд ин неруи худододро эҳтиёт кунем ва онро сарфакорона истифода барем, то ин ки дар Кохи нур ва дигар манбаъҳои нурдеҳ мушкилӣ эҷод нашавад.

Мирзозода С.